Шумо эй соҳибони вақт, Биштобед! Биштобед!

# АМРИ ВАҚТ

№1 (1) марти 2019 • Нашрияи Донишгоҳи давлатии Данғара • www.dsu.tj

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

## боргоҳи тайёр кардани мутахассисони замони нав

***Донишгоҳи давлатии Данғара дар шакли маҷмааи таълимӣ (кампус) бунёд ёфта, аз бинои асосӣ, 2 хобгоҳи 9-ошёна бо беш аз 1042 ҷойи хоб барои донишҷӯён, 3 бинои истиқоматии 5- ошёна бо 60 ҳуҷра барои омӯзгорон, толори варзишӣ бо 450 ҷойи нишаст, толори зебову мунаққаши фарҳангӣ бо 530 ҷойи нишаст, ошхона бо 300 ҷойи нишаст, китобхона барои нигаҳдории 650 ҳазор адад китоб ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст, ки барои 5 ҳазор нафар донишҷӯ дар як баст пешбинӣ шудааст. Инфрасохтори донишгоҳ имкон медиҳад, ки устодон ва шогирдон дар робитаи мустақим ва доимӣ қарор дошта, вақти худро бештар ба таълиму тарбия, пешравии донишгоҳ ва омӯхтани донишҳои замонавӣ сарф намоянд.***



Донишгоҳи давлатии Данғара бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2013, № 205 дар заминаи Филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара таъсис ёфтааст.

Дар давраи аввали таъсисёбӣ Филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара соли 2005 аз 4 факултет иборат буда, қабули довталабон аз рӯйи 19 ихтисос ба роҳ монда шуда буд.

Дар зарфи 4 соли охир донишгоҳро 1857 нафар хатм намудаанд, ки аксари онҳо имрӯз дар муассисаҳои илмию таълимӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат фаъолияти самарабахш доранд. Хатмкардагоне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд, дар зинаҳои магистратура ва ба ҳайси унвонҷӯю аспирантон ба таҳсилоти минбаъда фаро гирифта мешаванд.

Бо таъсис додани Донишгоҳи давлатии Данғара ҳамчун сохтори мустақил аз соли 2013 шумораи факултетҳо ба 7 - то, кафедраҳо ба 21 ва ихтисосҳои амалкунанда ба 32 адад расонида шуданд.

Дар нимсолаи тирамоҳии соли таҳсили 2018-2019 шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ ба 5658 нафар мерасад, ки аз онҳо 4761 нафар ба таври рӯзона, 897 нафар ба таври фосилавӣ ва ғоибона таҳсил менамоянд. Шумораи духтарон 1383 нафар, аз ҷумла дар таҳсилоти рӯзона 842 нафарро ташкил медиҳанд. Теъдоди донишҷӯёни тариқи шартномавӣ таҳсилкунанда дар донишгоҳ ба 3815 нафар, буҷавӣ ба 1843 нафар мерасад, ки аз онҳо 104 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд.



Роҳбарияти донишгоҳ барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва зисту зиндагонии донишҷӯёни камбизоат ва эҳтиёҷманд пайваста чораҳои амалӣ меандешад. Пеш аз ҳама, таъмин намудани чунин донишҷӯён бо хобгоҳ ба таври ройгон, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, дастгирии молиявӣ бахшида ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҷашнҳои миллӣ барои 17 нафар ятимон амалӣ карда мешавад. Дар донишгоҳ 14 нафар маъюбон таҳсил менамоянд, ки таҳти сарпарастии шуъбаи кор бо ҷавонон ва идораи сиёсати давлатии ҷавонон мебошанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ барои дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи кадрҳои болаёқат, пешрафти корҳои илмию тадқиқотӣ ва навоварию ихтироот дараҷаи таъминоти муассиса бо кадрҳои соҳибунвон мебошад. Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои гуногунсамтии тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ ва истеҳсолӣ норасогии омӯзгорони соҳибунвон дар донишгоҳ масъалаи мубрам ба ҳҳисоб меравад. Барои ҳалли масъалаи таъминоти раванди таълим бо омӯзгорони соҳибунвон ва мутахассисони соҳавӣ раёсати донишгоҳ пайваста кӯшиш менамояд. Дар ин самт дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва институтҳои илмию тадқиқотӣ соли таҳсили 2018-2019 барои фаъолияти омӯзгорӣ ба донишгоҳ 9 нафар доктори илмҳо ва 11 нафар номзади илмҳо ҳамчун ҳамкорони беруна ба кор ҷалб карда шуданд. Шумораи докторони илмҳо ҳамчун корманди асосӣ ҳоло ба 3 нафар, номзади илмҳо ба 32 нафар мерасад.




**РАМЗИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ДАР МАРКАЗИ МИЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН №113 МЕБОШАД.**

# «АМРИ ВАҚТ»
## инъикосгари пешравӣ ва худташаккулёбӣ аст!



*ШОҲИЁН Нуралӣ Набот, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара*

**Донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи давлатии Данғара!**

Ба рӯзномаи донишгоҳ интихоб намудани номи “Амри вақт” аз нуқтаи назари мо якчанд ҳадафи бо ҳам вобастаеро дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар кӯтоҳтарин вақт кишвареро, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳолати ниҳоят пасти иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дошт, дубора барқарор намоянд. Дар китоби “Мир в цифрах” омадааст: “ Тоҷикистон ба қатори 15 давлате, ки Маҷмӯи маҳсулоти дохилиаш тадриҷан 7,6 фоиз афзоиш меёбад, ворид гардидааст”. Ин гуна мисолҳои пешравӣ ва ифтихормандӣ аз ватану ватандорӣ ниҳоят зиёд мебошанд. Дар раванди ибрози чунин илҳом аз пешравии Тоҷикистони азиз, пеш аз ҳама, дарёфти ҷавоб бо суоли ҳамин рӯз (дақиқа, соат) ва баъди гузашти мурури вақт кадом корҳоро ба анҷом расонидаю ба кадом ҳадафҳо ноил гардидем ва ё нагардидем, чӣ мақсад гузошта будем, аммо муваффақ нагардидем ва сабаби он дар чӣ буд. Силсилаи саволгузориҳо ва дарёфти ҷавоб ба онҳо вобастагӣ аз он дорад, ки илмҳои гуногун оид ба вақти физикӣ, химиявӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ин мавзӯъро шарҳ медиҳанд.

Бинобар ин, мафҳуми “Амри вақт” дар номгузории рӯзнома мақсадгузорӣ ва эҷодкорона истифода бурда, тавонистани вақтро аз нигоҳи тарҳрезӣ ва нақшагирии он, муайян намудани меъёрҳоеро, ки ҳар як шахс (омӯзгор корманд ва донишҷӯ) барои худаш дар алоҳидагӣ метавонад муайян намояд, шарҳ дода мешавад.

Дар доираи фазои вақт, амр (ҳадафе) – ро, ки одам барои худ вазифаи муҳим мешуморад, маънои маҳорати сафарбар намудани тавоноии зеҳнӣ ва эҷодӣ дар роҳи расидан ба мақсад ва стратегияи ҳаёт мебошад, яъне агар ба назар гирем, ки ҷараёнҳои биологӣ ва психологӣ барои инсон қариб, ки қонуниятҳои баҳогузории монанд доранд, пас суоле ба миён меояд, ки сабабҳои расидан ба муваффақиятҳои беназир барои 1 нафар ва ё гурӯҳи одамон ва дар ҳолат сабабҳои дучор гардидан ба нокомиҳо ва эҳсос накардани муваффақиятҳо дар чист?

Барои мисол: Донишҷӯ “А” дар муҳлате, ки ба худ мақсад гузошта, дар кӯтоҳтарин муддат забони хориҷиро аз худ намудааст, лекин бо чунин имкониятҳо дигар донишҷӯ наметавонад муддати тӯлонӣ ба ин ҳадаф расад. Чунин суолгузориҳо ва дарёфти ҷавоби онҳо ниҳоят зиёд ва гуногунмазмунанд. Мақсад ҳадафи рӯзномаи “Амри вақт” ташкили маҳфилҳо, гурӯҳҳои муваффақ, гирифтани уҳдадориҳо гузаронидани чемпионатҳо оид ба мавзӯъҳои мухталиф мебошанд. Бо чунин мазмун бояд андешае, ки ҷаро як омӯзгор дар доираи вақти муайяншуда рисолаи илмии номзадӣ ва ё доктори ҳимоя менамояд, дигар гурӯҳи омӯзгорон бошанд, солҳои дароз ба ин қуллаи мурод намерасанд.

Бинобар ин, зимни муайян намудани ҳадафҳои таълимӣ – тарбиявии рӯзномаи “Амри вақт”, рушди шахсияти ташаккулёбандаро дар якҷоягӣ бо идора карда тавонистани вақт дар оинаи муваффақият дида баромада, ба хонандагони арҷманд пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ин мавзӯъро аз нигоҳи рушди тавоноии неруи зеҳнӣ (IQ) ва дигар ҷабҳаҳо таҳлил намояд, хулоса барорад, фикру андешаи хешро баён намояд.

Мо меҳохем, ки ҳар як корманд ва донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара дар раванди расидан ба ҳадафҳои рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионӣ, омода будан ба ташаккулёбии ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ диҳад ва барои пешравии донишгоҳ саҳм гузорад.

**Стив Ҷобс ташкилкунандаи ширкати машҳури “Apple” чунин қайд менамояд:**

*вақтро беҳуда сарф нанамоед;*

*мақсадеро интихоб намоед ва ба он дил бандед, то ки муваффақтарин шахс шавед;*

*бо хоҳиши дил кор кунед ва ба худ бовар намоед;*

*аз оне, ки ба ягон хато роҳ медиҳед, натарсед;*

*фикрронии эҷодӣ дошта бошед, хислати фарққунандаи маънавиёти баландро доро бошед;*

*новобаста аз муваффақиятҳо хоксор бошед;*

*коре кунед, ки бо ҳаёт ва талаботи он қадам занед.*

**Ҷек Лондон нависандаи амрикоии қайд намудааст:**

*таъиноти ҳақиқии инсон - ин зиндагии пурсамар аст, на ин ки бетафовут будану зистан;*

*дар ҳаёт ба қуллаҳои мурод ҳамон вақт метавон расид, ки тамоми қувваю ғайрататро барои расидани мақсади гузоштаашуда сафарбар намоӣ;*

*ҳар як инсон имкониятҳои ниҳоии худро дорад, ки он аз дунёи орзу, ғайрат ва хаёлоти ӯ вобаста мебошад.*

**Носири Хисрав фармудааст:**

*Шараф дорад дарахт*
*аз мевадорӣ,*
*Ки бошад, то надорад*
*ҳеҷ боре!*
*Зи бӯю лаззати*
*хуш меваҳоро,*
*Шараф бошад, чунон*
*к-аз ақл моро.*
*Наёбад марди нодон*
*дар ҷаҳон ком,*
*Надорад бӯю лаззат*
*меваи хом.*

**Нависандаи машҳури Немис Гёте қайд менамояд:**

*Танҳо донистан ин кам аст, бояд онҳоро татбиқ карда тавонист. Хостан он қадар арзише надорад, донистан ва тавонистанро бояд омӯхт;*

*Ман одамонеро ҳурмат мекунам, ки медонанд чӣ меҳоҳанд;*

*Бисёре аз нокомиҳо дар ҷаҳон аз он сарчашма мегиранд, ки одамон аниқ мақсади худро намедонанд;*

*Вақте ки одамон ба сохтмони бино шурӯъ мекунанд, онҳо, пеш аз ҳама, барои пойдории зердевор кӯшиш мекунанд, то ки бинои сохташуда эътимоднок бошад.*

**Брайан Трейси (1944) – муаллифи китобҳо ва аудиобарномаҳо дар мавзӯи ташаккулёбии шахсият ва идораи донишҳо гуфтааст:**

*-Идораи вақт ин воситаи пешравии он аст, ки ба шумо имконият медиҳад, ки ба худ савол бидиҳед, дар куҷо ва дар кадом ҳалат қарор доред, муҳимтар аз он боз дарёфти ҷавоб ба саволи ба куҷо меҳоҳед роҳсипор гардеду муваффақияти нав дарёбед?*

**“Амри вақт”- ин рӯзномаест, ки имконияти шинос шудан, хулоса баровардан ва кӯшиши расидан ба муваффақиятҳои беназири инсонӣ, ки дар китоби рекордҳои “Гиннес” оварда шудааст:**

Ким Ун Ен-и Кореягӣ, ки соли 1962 таваллуд шудааст, дар синни 4-солагӣ ба донишгоҳ дохил шуда, бо забонҳои ҷопонӣ, кореягӣ, олмонӣ ва англисӣ китобҳо мутолиа намуда, дар соли 5-уми ҳаёташ тавонистааст, роҳи ҳалли мураккабтарин ҳисоби математикиро пешниҳод намояд. Баъдан, бо истифода аз Шабакаи телевизионии Япония истеъдоди худро оиди донистани забонҳои хитойӣ, испанӣ, ветнамӣ, англисӣ, ҷопонӣ ва кореягӣ муаррифӣ намудааст.

Дэниел Таммети бритонӣ (таваллуд 1979) бо истеъдоди донишҳои математикии худ, яъне комбинатсияҳои ададӣ ба рекордҳои Гиннес ворид гаштааст. Ӯ тавонистааст пас аз вергули адади π 22514 рақами дигарро аз ёд талаффуз намояд.



# ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2019-2020

| НОМГӮИ КУРСҲОИ СЕРТИФИКАТСИОНӢ | Шартномаи таҳсил (3 моҳ) |
|---|---|
| Курси таълимӣ дар доираи Академияи Сискои назди ДДД | 360 |
| Омӯзиши фанҳои дақиқ ва асосҳои компютерӣ | 360 |
| Технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ | 360 |
| Асосҳои омӯзиши компютер | 360 |
| Таъмир ва ташхиси техникии компютерӣ | 360 |
| Таъмиргарии телефонҳои мобилӣ | 360 |
| Хизматрасонии шабакавӣ ва ҷиҳозонидани техникӣ | 360 |
| 1С-муҳосибот | 360 |
| Бизнес-нақша ва омори иқтисодӣ | 360 |
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ | 360 |
| Муҳосиб бо малакаи кор дар компютер | 360 |
| Банақшагирии бизнес | 360 |
| Технологияҳои инноватсионии педагогии таълим | 360 |
| Худтакмилдиҳии касбӣ | 360 |
| Бозомӯзии кормандони соҳавӣ | 360 |
| Технологияҳои муосири педагогии таълимӣ-тарбиявии “Модели омӯзгори замони нав” | 360 |
| Бозиҳои расмии касбии мурофиаи судӣ, баҳсҳои иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ | 360 |
| Нозир-ҳуҷҷатнигори татбиқи ҳукумати электронӣ | 360 |
| Котиб-коргузор | 360 |
| Менеҷери замони нав | 360 |
| Маркетинг дар замони нав | 360 |
| Асосҳои соҳибкорӣ | 360 |
| Асосҳои фермерӣ | 360 |
| Барномаи фарҳангӣ ва намоиши мӯди донишҷӯён, шоу-намоишҳо | 360 |
| Курсҳои тайёрии Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ (аз рӯйи 6 фанни таълимӣ) | 360 |
| Хизматгузорӣ дар меҳмонхона | 360 |
| Пешхизмат | 360 |
| Ороишгари муй, рӯй ва нохунҳо | 360 |
| Раққосӣ | 360 |
| Назоратчии барқ | 360 |
| Таъмиргари таҷҳизоти сантехникӣ | 360 |
| Таъмиргари таҷҳизоти электронӣ | 360 |
| Таъмири асбобҳои рӯзгор | 360 |
| Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, англисӣ, русӣ, олмонӣ, хитоӣ ва ғайра | 360 |
| Курсҳои ронандагии категорияи “С”, “В” | 650 |
| Маҳорати варзишӣ | 360 |
| Омӯзиши шоҳмот | 360 |
| Маҳорати варзишии касбӣ | 360 |
| Гӯштини миллӣ | 360 |
| Гӯштини самбо | 360 |
| Гӯштини дзю-до | 360 |
| Омӯзиши забони русӣ | 360 |
| Бармен | 360 |
| Бофанда | 360 |
| Қуроқдӯзӣ | 360 |
| Гилембофӣ | 360 |
| Қолинбофӣ | 360 |
| Тархрезӣ ва дӯхти либоси замонавӣ | 360 |
| Тархрезӣ ва дӯхти либос | 360 |
| Гулдӯзӣ | 360 |
| Сӯзандӯзӣ | 360 |
| Адрасбофӣ | 360 |
| Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, хитоӣ, лотинӣ) ва ғайра | 360 |
| Машғулиятҳои такрории фаннӣ | 360 |
| Менеҷер оид ба таъмини бехатарии иттилоот ва омор | 360 |
| Асосҳои фаъолияти фермерӣ ва соҳибкорӣ | 360 |

| РАМЗИ ИХТИСОС | НОМГӮИ ИХТИСОСҲО | КЛАСТЕР | РӮЗОНА | | | ФОСИЛАВӢ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | БУҶАВӢ | ШАРТНОМАВӢ | ШАРТНОМАВӢ, (БО СОМОНӢ) | БУҶАВӢ | ШАРТНОМАВӢ | ШАРТНОМАВӢ, (БО СОМОНӢ) |
| 151010104 | Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои нефту газ | 1 | 5 | 19 | 3210 | | | |
| 169010107 | Зебосозии шаҳр | 1 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 1510202 | Коркард ва истифодабарии конҳои нефту газ | 1 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 150010103 | Коркарди аввалин ва ресидани тору пуд | 1 | 10 | 15 | 3210 | | | |
| 102050302 | Математика. Информатика | 1 | 10 | 13 | 3150 | 5 | 15 | 2400 |
| 102050301 | Математика. Физика | 1 | 10 | 15 | 3210 | 5 | 20 | 2400 |
| 154010104 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 1 | 10 | 15 | 3150 | | 20 | 3300 |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | 1 | 10 | 14 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 136080102 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои саноати бофандагӣ | 1 | 10 | 15 | 3210 | | | |
| 1450102 | Низоми алоқаи радио, радиошунавонӣ ва телевизион | 1 | 10 | 15 | 3150 | | 20 | 2400 |
| 131040310 | Низомҳои кибернетикии электроника | 1 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 150010101 | Ресидани нахи табиӣ | 1 | 10 | 15 | 3210 | | | |
| 140010101 | Системаи компютерӣ ва Интернет-технология | 1 | 10 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 170040101 | Сохтмони гидротехникӣ | 1 | 5 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 1740401 | Сохтмони деҳот ва ободонии муҳит | 1 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 143010301 | Таъмини корхонаҳои саноатӣ бо барқ | 1 | 10 | 15 | 3210 | | 20 | 2400 |
| 1740602 | Таъминоти техникии равандҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | 1 | 10 | 15 | 3210 | | | |
| 150010106 | Технологияи корхонаҳои дӯзандагию нассоҷӣ | 1 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 191010101 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 1 | 10 | 15 | 3210 | | | |
| 150010203 | Технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ мувофиқи фармоиши инфиродӣ | 1 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 154010105 | Технологияи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти ғизоӣ | 1 | 5 | 19 | 3210 | | | 0 |
| 102050401 | Физика. Математика | 1 | 10 | 14 | 3210 | 5 | 15 | 2400 |
| 1980102 | Ҳифзи иттилоъ дар телекоммуникатсия | 1 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 1450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | 1 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 136040203 | Электроникаи техникаи автомобилӣ | 1 | 10 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 125010403 | Андоз ва андозбандӣ | 2 | 10 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 1250108 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 2 | 5 | 20 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 102040503 | География. Иқтисодиёт | 2 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 1260101 | Идораи давлатӣ | 2 | 5 | 20 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 125010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 2 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 126020109 | Идораи лоиҳаи инвеститсионӣ | 2 | 5 | 20 | 4410 | | | |
| 13102010214 | Идораи минтақавӣ | 2 | 5 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 125010301 | Идораи фаъолияти иқтисодиёти берунӣ | 2 | 5 | 20 | 4410 | | | |
| 1250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 2 | 10 | 15 | 4800 | | 24 | 3600 |
| 126020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 2 | 10 | 15 | 4800 | | 20 | 3600 |
| 126020207 | Менеҷменти истеҳсолӣ | 2 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 1250104 | Молия ва қарз | 2 | 5 | 25 | 4800 | | 25 | 3600 |
| 125010405 | Молия дар комплекси агросаноатӣ | 2 | 10 | 15 | 4800 | | | |
| 1890101 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 2 | 5 | 18 | 3210 | | | |
| 140010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 2 | 5 | 20 | 4410 | | 17 | 3300 |
| 125011004 | Тиҷорат дар бозори берунӣ | 2 | 10 | 15 | 4410 | | 20 | 3300 |
| 125011009 | Тиҷорат дар металлургия | 2 | 10 | 15 | 4410 | | | |
| 125011014 | Тиҷорат дар саноати сабук | 2 | 5 | 20 | 4410 | | | |
| 125011023 | Тиҷорати корхонаҳои хурду миёна | 2 | 5 | 20 | 4410 | | | |
| 115020102 | Бофандагии бадеӣ. Моделиронии костюм | 3 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 119010105 | Дизайн (костюм ва газвор) | 3 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 11901010201 | Дизайни экспозитсионӣ | 3 | 5 | 20 | 3940 | | 20 | 2950 |
| 1020304 | Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ | 3 | 10 | 14 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 1020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | 3 | 10 | 15 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 121060102 | Забони хитоӣ (тарҷума) | 3 | 5 | 19 | 3150 | | | |
| 121050208 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) | 3 | 10 | 10 | 3150 | | | |
| 121050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 3 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 1010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 3 | 10 | 15 | 3150 | | 25 | 2400 |
| 101020203 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 3 | 10 | 15 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 101020202 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати тасвирӣ | 3 | 10 | 15 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 101010206 | Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | 3 | 10 | 15 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 1020102 | Таърих. Ихтисоси иловагӣ (омӯзгори асосҳои давлат ва ҳуқуқ) | 4 | 10 | 14 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 1930101 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | 4 | 10 | 15 | 5730 | | | |
| 1740201 | Агрономӣ | 5 | 10 | 11 | 3150 | | 20 | 2400 |
| 102040401 | Биология. Химия | 5 | 10 | 15 | 3150 | | | |
| 1750201 | Бунёди боғу истироҳатгоҳҳо | 5 | 5 | 19 | 3150 | | 20 | 2400 |
| 1740302 | Тибби байторӣ | 5 | 10 | 14 | 3150 | | | |
| 102040601 | Химия. Биология | 5 | 10 | 13 | 3150 | 5 | 20 | 2400 |
| 1740203 | Ҳифзи растаниҳо ва карантин | 5 | 10 | 15 | 3150 | | 20 | 2400 |

# КАФЕДРАИ ҲАРБӢ

## дар Донишгоҳи давлатии Данғара



*Файзуллозода Ифтихор ФАЙЗУЛЛО, сардори кафедраи ҳарбии Донишгоҳи давлатии Данғара*



**Кафедраи ҳарбии Донишгоҳи давлатии Данғара аз ҷумлаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб рафта, ҷавонтарин кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба ҳисоб меравад.**

Кафедра бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2—юми майи соли 2014, тахти №261 ва фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2014, №329 дар заминаи филиали кафедраи ҳарбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур таъсис ёфтааст.

Кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумиҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2014, тахти №344 «Дар бораи Низомномаи ташкил ва ба роҳмондани таълим дар кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», фармонҳои вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳмондааст.

Кафедраи ҳарбӣ аз рӯи ихтисоси командири взводи савораи тирандоз дар мошинҳои зирехпуши ҷангӣ (МҶП-БМП) афсарони эҳтиётро тайёр менамояд. Ба ҳолати имрӯз кафедраи ҳарбӣ афсарони эҳтиётии болаёқатро барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намуда истодааст, ки қисми зиёди онҳо дар ҳифзу ҳимояи ватани азизу маҳбубамон қарор доранд. Айни замон дар кафедра ҳамагӣ аз ҳамаи факултетҳои донишгоҳ 2246 нафар донишҷӯён ба таҳсил



фаро гирифта шудаанд. Дар кафедраи ҳарбӣ айни ҳол 11 нафар афсар дар тайёр намудани афсарони эҳтиётӣ сахмгузор мебошанд.

Ҳамаи афсарони кафедраи ҳарбӣ дорои маълумоти олӣ ва ҳарбӣ мебошанд. Онҳо тачрибаи бойи омӯзгорӣ дошта, машғулиятҳоро бо донишҷӯён бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ мондаанд.

Афсарону омӯзгорон ва донишҷӯён кафедраи ҳарбӣ дар тамоми чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ иштироки фаъолона намуда, аз тарафи масъулин бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида мешаванд.

Машғулиятҳо дар кафедраи ҳарбӣ ба таври “Рӯзи ҳарбӣ” ба роҳ монда шудааст. Донишҷӯён дар як ҳафта як рӯз ба дарсҳои ҳарбӣ ҷалб карда мешаванд. Ҷиҳати аз худ намудани барномаи тайёрии ҳарбӣ дар маҷмӯъ 5 семестр 450 соат (ҳар семестр 90-соатӣ) ва 144 соат ҷамъомадҳои таълимии саҳроӣ машғулиятҳои ҳатмии аудиторӣ ва алоҳида муқаррар карда шудааст. Миқдори машғулиятҳои ҳатмии аудиторӣ ва алоҳида бо роҳбарии омӯзгор 6 соат дар як рӯз ва 2 соат худомӯзи донишҷӯён муқаррар гардидааст.

Дар кафедра барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои дарсӣ, бо назардошти омода намудани афсарони эҳтиётии баландихтисос, ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, бо назардошти вазъияти душвори ҳарбӣ, омӯзиши хатарҳои ҷангӣ, инчунин тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ҳифзи марзубуми кишвари азиз, мубориза алайҳи зуҳуроти бегонапарастӣ, шомил нашудан ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, баланд бардоштани малакаю донишҳои ҳарбӣ таҳия шудаанд. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо ҳама намуди ҷангҳои муосири ҷаҳон ва хислату амали гурӯҳҳои террористӣ ба донишҷӯён омӯзонида мешаванд.

Ба донишҷӯёне, ки барномаи тайёрии ҳарбиро пурра гузашта, имтиҳонҳои давлатиро месупоранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рутбаи аввалини афсарии лейтенанти хурди эҳтиёт сарфароз гардонида шуда, ба сафи афсарони эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шуда, парвандаҳои шахсии онҳо барои ба қайд гирифтан ба комиссариатҳои ҳарбии маҳалли зист фиристода мешаванд.



# «АМРИ ВАҚТ»

## -маркази таълимӣ-иттилоотӣ

**Маркази таълимӣ-иттилоотӣ ва тарғиботии мавҷҳои радио ва телевизионии “Амри вақт”-и Донишгоҳи давлатии Данғара, яке аз бахшҳои хоса зарурии таълимгоҳ маҳсуб мешавад.**

Бо таассуроти ҷолиби барномаҳои шунидаию намоишӣ қобил бо он аст, ки дар ниҳоди шунавандаву бинандагони худ шавқу рағбат дар адои масъулият, таҳсилу хониш, масъулиятшиносӣ, муҳаббат ба Ватан, худшиносии миллӣ, эҳтиромгузорӣ, қадр кардани меҳнат, маданиятомӯзӣ, зебоипарастӣ, забондонӣ, истифодаи самараноки вақт, умуман ҳамаи хислатҳои мусбии одамиро дар вуҷуди ҳар касе эҳё менамояд.

Мақсад ва мароми асосии ташкил намудани маркази мазкур аз он иборат мебошад, ки бо истифода аз техника ва технологияҳои муосир, омода намудани донишҷӯён, кормандон ва дигар гурӯҳҳои мансуб ба фарогирии таълиму тарбия, донишу малака ва ҷаҳонбинӣ, маданияти суханварӣ, низоми одамият, маънавияти ниҳодии фардӣ, истифодабарии ахбор, огоҳ будан аз навигариҳову навовариҳои рӯзгори ҳамарӯза ва ҳар гуна иттилоотро аз бар намуда, дар фаъолияти касбӣ, онҳоро самаранок истифода бурда тавонанд.

Радиои «Амри вақт»-и ДДД шурӯъ аз оғози соли хониши 2016 барномаҳои худро оғоз намуда, то ин ҷониб фаъолият дорад. Дар давоми ҳафта вобаста ба мавзӯъҳои мухталиф барномаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва чинӣ омода ва пахш карда мешаванд.

**Дар марказ се нафар кормандони ботаҷриба фаъолият доранд:**

*Салоҳиддин Неъматов-сардори марказ;*

*Эмом Абдуев-эксперт-таҳриргари барномаҳо;*

*Саодат Набиева-хабарнигор.*

Мавриди зикр аст, ки дар рӯзҳои наздик телевизиони донишгоҳ низ ба фаъолият шурӯъ карда, бо барномаҳои худ мавриди таваҷҷуҳи бинандагон қарор мегирад. Барномаҳои телевизион дар ҳудуди ноҳия фазои то 20 километрро фаро ҳоҳад гирифт. Таҷҳизоте, ки барои пешбурди кори телевизион харидорӣ шудааст, дар сифат аз таҷҳизоти шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ кам нестанд.





Шумо эй соҳибони вақт, Биштобед! Биштобед! АМРИ ВАҚТ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии Данғара

САРМУҲАРРИР:
Салоҳиддин Неъматов

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**ШОҲИЁН Нуралӣ Набот,** ректори донишгоҳ
**Сайфиддин Давлатзода,** муовини вазири маориф ва илми ҶТ
**АЛИМОВ Насим Олимович,** муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ, инноватсия ва мобилияти академӣ
**ОЛИМОВ Ашуралӣ Рамазонович,** муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот
**САЛИМОВ Саидқул Файзуллоевич,** муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагидорӣ
**НАЗАРЗОДА Турабек Камол,** муовини ректор оид ба тарбия, тарғибот ва масоили иҷтимоӣ
**ТАҒОЕВА Сураё Эркаевна,** муовини ректор оид ба илм ва татбиқот

СУРОҒА:
735320, н. Данғара к. Марказӣ 25,
ТЕЛЕФОН:
(+992) 83312 2 2806
ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:
dd_danghara@gmail.com
СОМОНА:
www.dsu.tj